Дастатро бар ҷое, ки дард мекунад, бигузор ва се бор бигӯ: "Бисмиллоҳ", ва ҳафт бор бигӯ: "Аъузу биллоҳи ва қудратиҳи мин шарри мо аҷиду ва уҳозир"". Тарҷума: "Паноҳ мебарам ба Худо ва қудрати Ӯ аз шарре, ки онро эҳсос мекунам ва аз он метарсам

Аз Усмон ибни Абулъоси Сақафӣ (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки ӯ ба Расули Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) аз дарде, ки аз замони мусалмон шуданаш дар бадани худ эҳсос мекард, шикоят кард. Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба ӯ гуфтанд: "Дастатро бар ҷое, ки дард мекунад, бигузор ва се бор бигӯ: "Бисмиллоҳ", ва ҳафт бор бигӯ: "Аъузу биллоҳи ва қудратиҳи мин шарри мо аҷиду ва уҳозир"". Тарҷума: "Паноҳ мебарам ба Худо ва қудрати Ӯ аз шарре, ки онро эҳсос мекунам ва аз он метарсам."

[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Усмон ибни Абулъос (разияллоҳу анҳу) ба дарде гирифтор шуд, ки наздик буд ӯро ҳалок созад. Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ба аёдати ӯ омаданд ва дуоеро ба ӯ омӯзонданд, ки бо он Худованд дардашро бартараф мекунад. Он дуо чунин аст: (шахси бемор нахуст бояд) дасташро бар ҷое, ки дард мекунад, бигузорад ва се бор бигӯяд: (Бисмиллоҳ), сипас ҳафт бор бигӯяд: (Аъузу биллоҳи ва қудратиҳи мин шарри мо аҷиду ва уҳозир), яъне: паноҳ мебарам ба Худо ва қудрати Ӯ аз шарри он чи ки дар ҳоли ҳозир эҳсос мекунам ва аз он чи ки дар оянда, аз қабили ғаму тарс ва паҳн шудани дарду беморӣ дар бадан, метарсам.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/6018